## ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-044 назди Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи номзадии Изатуллозода Пайрави Нусратулло дар мавзуи «Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод гардидааст.**

1. Таҳқиқоти диссертатсионии Изатуллозода П.Н. ба яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқи маъмурӣ – "Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" бахшида шудааст, ки ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии фаъолияти мақомоти мазкурро дар бар гирифта, мафҳум, хусусиятҳо, шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва дигар унсурҳои вазъи маъмурии ҳуқуқии онҳо мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Яке аз самтҳои муҳимми таъмини рушди кишвар ислоҳоти идораи давлатӣ эътироф мешавад, ки дар партави он чорабиниҳои зиёди ташкилию ҳуқуқӣ амалӣ мегарданд. Дар раванди ислоҳоти низоми идораи давлатӣ мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зуҳур намуданд, ки бо хусусиятҳои худ аз дигар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ фарқ мекунанд. Омӯзиш ва таҳқиқи вазъи маъмурӣ-ҳуқуқӣ, муайян намудани ҷой дар низоми ҳокимияти иҷроия ва масоили дигари марбут ба вазъи ҳуқуқии мақомоти мазкур яке аз мавзуҳои мубрам дар илми ҳуқуқи маъмурии ватанӣ маҳсуб меёбанд.

Мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми бист соли мавҷудияти худ дар низоми идораи давлатӣ мавриди таҳаввулоти ҷиддӣ қарор гирифта, вазъи ҳуқуқии онҳо такмил ёфт. Қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дар онҳо муқаррар шудани вазъи ҳуқуқии мақомоти мазкур, ҳамзамон афзоиши шумораи мақомоти наздипрезидентӣ далели равшани рушди бунёди маъмурӣ дар мамлакат мебошад. Вале новобаста ба дастовардҳои намоёни ташкилӣ-ҳуқуқӣ, ҳанӯз ҳам масъалаҳои ҳалталаб дар самти вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар мерасанд, ки ба таҳқиқи илман асоснок ва танзими дақиқи ҳуқуқӣ ниёз доранд.

Таҷрибаи фаъолияти мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гувоҳӣ медиҳад, ки онҳо дар таъмини амалии функсияҳои

муҳими ҳокимияти иҷроия - ҳуқуқтатбиққунӣ, ҳуқуқмуҳофизавӣ, контролу назорат, хизматрасонии давлатӣ ва ғ. нақши муассир доранд. Бинобар ин, барои расидан ба ҳадафҳои ислоҳоти маъмурӣ, таъмини амалисозии самараноки функсияҳои идоракунии давлатӣ зарурати такмили ва рушди вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш меояд. Аз ин рӯ, гузаронидани кори илмӣ-таҳқиқотӣ вобаста ба вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур буда, барои такмили вазъи ҳуқуқӣ ва бартараф гардидани камбудиҳои ҷойдошта дар самти фаъолияти мақомоти мазкур муҳим арзёбӣ мегардад.

2. Диссертатсия ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад. Диссертатсия кори илмӣ- тахассусии анҷомёфта буда, аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа, нуқтаҳои навгонӣ ва илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар илми ҳуқуқи маъмурӣ, такмили қонунгузорӣ ва раванди таълим истифода шаванд, ки онҳо саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 12.00.14. – ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 8 апрели соли 2022, №128/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 12 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи шомили Феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Ҳамзамон, ба довталаб зарур аст, ки дар интишори натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия ҳиссаи натиҷаҳои илмии дар ҳаммуаллифӣ бадастомадаро ҷудо намояд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Изатуллозода П.Н. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад. Эроди алоҳида ба матни русии автореферати диссертатсия дахл дорад, ки мазмуни он дар аксар ҳолат ба маънии матни аслӣ бо забони тоҷикӣ мувофиқат намекунад ё тарҷума ба таври техникӣ сурат гирифтааст ва ё истилоҳи нодуруст истифода шудааст.

6. Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Изатуллозода П.Н. бо забони давлатӣ маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи довталаб чопгардида, мавҷуд намебошад.

Банди 61-и Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Изатуллозода Пайрави Нусратулло, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-044 назди Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Тоҷикистон пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Довталаби унвони илмӣ Изатуллозода П.Н. дар муҳлати 10 рӯз, қабл аз ҷойгиркунии матни электронии диссертасия ва автореферат дар сомонаи Муассиса ва КОА камбудиҳоро марбут ба ҷудокунии ҳиссаи натиҷаҳои илмии дар интишороти ҳаммуаллифӣ, мувофиқати мазмуни матни тоҷикӣ ва русии автореферат ва тасҳеҳи истилоҳотро дар он ислоҳ намояд.

3. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

– Диноршоҳ Азиз Мусо - муовини директори иҷроияи филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе, д.и.ҳ., профессор;

– Каримов Ҳусейн Мухторович – дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, н.и.ҳ.

4. Ба ҳайси муассисаи пешбар – муассисаи таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон» таъин карда шавад.

5. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

6. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис баъди бартараф кардани камбудиҳои дар болоишорашуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
аъзои Шурои диссертатсионӣ Раззоқов Б.Ҳ.

**Аъзои комиссия:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
аъзои Шурои диссертатсионӣ Абдулхонов Ф.М.

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Наимов Б.Ғ.

«26» 01 2023 сол.